## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Шахсе, ки нисбат ба ӯ суд ҳукми айбдоркунӣ баровардааст, ҳам дар давраи адо намудани ҷазо (ё дар давраи муҳлати санҷиш ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, инчунин дар давраи мавқуф гузоштани адои ҷазо), ва ҳам дар муҳлати муайяннамудаи қонун пас аз адои ҷазо ҳамчун шахси дорои доғи судӣ эътироф мегардад. Эътирофи шаҳс ҳамчун шахси дорои доғи судӣ барои ӯ як қатор оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меорад, ки дорои хусусияти ҳам ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва ҳам умумиҳуқуқӣ мебошанд. Мавҷудияти чунин мақоми ҳуқуқӣ ба вазъи ҳуқуқии шахси маҳкумшуда таъсири назаррас расонида, муносибатҳои минбаъдаи ӯро бо давлат ва ҷомеа муайян мекунад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доғи судӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқии дорои хусусияти мураккаб баррасӣ гардида, он на танҳо бо масъалаҳои татбиқи ҷазо, балки бо дигар институтҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла институтҳои ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо, озод кардан аз

ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо алоқаманд мебошад. Аз ин ҷиҳат, доғи судӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими механизми амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад намуда, ба арзёбии ҳуқуқии рафтори минбаъдаи шахси маҳкумшуда таъсири муайян мерасонад.

Ҳамин тариқ, доғи судӣ яке аз унсурҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун воситаи иловагии ҳуқуқии кафолатдиҳандаи он баромад мекунад, ки шахси маҳкумшуда пас аз адои ҷазо ба роҳи ислоҳ ворид гардида, дар оянда ҷинояти нав содир намекунад. Маҳз ба ҳамин хотир, қонунгузории ҷиноятӣ ба институти мазкур аҳаммияти махсус дода, онро ҳамчун воситаи пешгирии ҷинояткории такрорӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ истифода мебарад.

Доғи судӣ на танҳо бо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ маҳдуд мегардад, балки метавонад дар ҳолатҳо ва тартибе, ки қонунҳо муқаррар намудаанд, дигар оқибатҳои ҳуқуқиро низ ба миён орад. Вобаста ба ин доғи судӣ дорои хусусияти байнисоҳавии ҳуқуқӣ буда, таъсири он ба доираи васеи муносибатҳои ҳуқуқӣ паҳн мегардад.

Оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти умумӣ ва махсус муқаррар гардида, бо маҳдудиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ нисбати шахсони дорои доғи судӣ алоқаманд мебошанд. Аз ҷумла, чунин маҳдудиятҳо метавонанд дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, аз қабили ҳуқуқи меҳнатӣ, маъмурӣ, интихоботӣ, хизмати давлатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ зоҳир гарданд. Дар чунин ҳолат доғи судӣ ба сифати падидаи дорои хусусияти ҳам ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ ва ҳам умумиҳуқуқӣ баромад намуда, ба мақоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шахс таъсири дарозмуддат мерасонад.

Бо вуҷуди ин, табиати ҳуқуқӣ, нақш ва аҳаммияти институти доғи судӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои умумиҳуқуқии он, то имрӯз дар маркази баҳсҳои сершумори илмӣ қарор доранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбати моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Баъзе муҳаққиқон онро

ҳамчун ҳолати махсуси ҳуқуқии шахс арзёбӣ менамоянд, гурӯҳи дигар онро ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкум шудан ё яке аз шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ мекунанд.

Дар ҳамин замина, масъалаҳои марбут ба табиати ҳуқуқии доғи судӣ, муайян намудани доираи оқибатҳои ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии он, инчунин нақши ин институт дар механизми танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва иҷтимоӣ то ҳол аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалиро нигоҳ доштаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба моҳият, вазифа ва оқибатҳои институти доғи судӣ барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Юсуфзода Фаридун Асадулло дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи илми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои назариявӣ ва амалии институти доғи судӣ ба таври комплексӣ ва системавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки табиати ҳуқуқӣ, моҳият ва нақши институти мазкурро дар низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намуда, робитаи онро бо дигар институтҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла институтҳои ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод кардан аз ҷазо таҳлил намояд.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар таҳияи асосҳои назариявии муосири фаҳмиши институти доғи судӣ, муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии он ва нишон додани ҷойгоҳи он дар механизми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ифода меёбад. Дар рафти таҳқиқ муаллиф доғи судиро ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ, ки дорои хусусияти ҳам ҳуқуқӣ- ҷиноятӣ ва ҳам умумиҳуқуқӣ мебошад, арзёбӣ намуда, аҳаммияти онро дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ ва пешгирии ҷинояткории такрорӣ асоснок кардааст.

Дар таҳқиқот, инчунин, масъалаҳои марбут ба оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ, мӯҳлати амал, тартиби барҳам хӯрдан ва бардоштани он таҳлил гардида, камбудиҳо ва номуайяниҳои мавҷуда дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Дар ин замина, муаллиф як қатор пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии институти мазкур пешниҳод намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, бо муқаррароте муайян мегардад, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳод шудаанд (саҳ. 14–16). Номгуйи муфассали ин муқаррарот аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи қонунгузориро анҷом дода, дар асоси онҳо хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои илмӣ-амалии асоснок пешниҳод намудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва муқаррароте, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд ва ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз инҳо иборатанд: 1) асоснок намудани табиати ҳуқуқии институти доғи судӣ ҳамчун унсури мустақили низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дорои хусусияти мураккаби ҳуқуқӣ буда, ҳам оқибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам умумиҳуқуқиро ба миён меорад; 2) муайян намудани ҷойгоҳи институти доғи судӣ дар низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла нишон додани робитаи он бо институтҳои ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод кардан аз ҷазо; 3) таҳлили комплексии оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ, ки дар асоси он фарқияти байни оқибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва умумиҳуқуқии доғи судӣ муайян карда шудааст; 4) муайян намудани мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ вобаста ба мӯҳлати амал, барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ ва нишон додани номуайяниҳо дар танзими ҳуқуқии онҳо; 5) асоснок намудани зарурати такмили қонунгузории

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими институти доғи судӣ, аз ҷумла пешниҳод намудани тавсияҳо ҷиҳати дақиқсозии баъзе муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6) муайян намудани аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии институти доғи судӣ дар механизми пешгирии ҷинояткории такрорӣ ва таъмини адолати ҷиноятӣ.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бо истифодаи муносибати комплексӣ ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба институти доғи судӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ ва оморӣ истифода намуда, масъалаҳои марбут ба моҳият, вазифа ва оқибатҳои ҳуқуқии доғи судиро ба таври ҳамаҷониба баррасӣ кардааст.

Хулосаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бар таҳлили муфассали қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такя намудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот маводи амалияи судӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси онҳо масъалаҳои мавҷуда ва мушкилоти татбиқи меъёрҳои марбут ба институти доғи судӣ муайян карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, инчунин, бо истифодаи васеи манбаъҳои илмии миллӣ ва хориҷӣ таъмин гардидааст. Муаллиф мавқеи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро таҳлил намуда, онҳоро бо муқаррароти қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ муқоиса

кардааст. Ин ҳолат имкон додааст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда дорои асоснокии назариявӣ ва мантиқии зарурӣ бошанд.

Илова бар ин, тавсияҳои илмӣ-амалии пешниҳодшуда бар асоси камбудиҳо ва номуайяниҳои муайяншуда дар қонунгузории амалкунанда таҳия гардида, ба такмили танзими ҳуқуқии институти доғи судӣ равона шудаанд. Онҳо бо принсипҳои асосии сиёсати ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипҳои адолат, инсондӯстӣ ва қонуният мутобиқат дошта, метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада дорои асоснокии илмӣ ва эътимоднокии назариявию амалӣ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқук (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар қисми муқаддимаи рисола мубрамият ва аҳаммияти илмии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи масъала дар адабиёти илмии миллӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот муайян гардида, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, инчунин муқарраротe, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия таҳти унвони «Табиати ҳуқуқии институти

доғи судӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум «Андешаҳои гуногун нисбати мафҳуми институти доғи судӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ» (саҳ. 21–32) муаллиф масъалаҳои назариявии марбут ба мафҳум ва моҳияти доғи судиро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар оғози зербоб муаллиф таъкид менамояд, ки бо вуҷуди аҳаммияти муҳими институти доғи судӣ, дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи дақиқи он мустаҳкам нашудааст ва ин мафҳум асосан дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳия мегардад (саҳ. 21–22).

Дар идомаи таҳқиқ муаллиф мавқеи олимони гуногуни ватанию хориҷиро оид ба табиати ҳуқуқии доғи судӣ таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбати моҳият ва мақоми ин падидаи ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Аз ҷумла, баъзе муҳаққиқон доғи судиро ҳамчун ҳолати махсуси ҳуқуқии шахс, гурӯҳи дигар ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкумият, инчунин баъзеҳо ҳамчун унсури ҷавобгарии ҷиноятӣ ё факти ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд (саҳ. 22–27).

Муаллиф андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни илмии ҳуқуқи ҷиноятиро таҳлил намуда, бартарӣ ва камбудиҳои ҳар як равишро нишон медиҳад. Дар ин замина ба назар гирифта мешавад, ки доғи судӣ падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, он ҳамзамон дорои хусусиятҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва умумиҳуқуқӣ мебошад ва ба мақоми ҳуқуқии шахси маҳкумшуда таъсири назаррас мерасонад (саҳ. 27–30).

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва қонунгузории амалкунанда муаллиф ба хулоса меояд, ки барои фаҳмиши дурусти табиати ҳуқуқии доғи судӣ зарур аст онро ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкумияти ҷиноятӣ, ки боиси ба вуҷуд омадани вазъи махсуси ҳуқуқии шахс мегардад, баррасӣ намуд. Дар ин асос муаллиф таърифи мукаммали мафҳуми «доғи судӣ»-ро пешниҳод намуда, хусусиятҳои асосии онро муайян менамояд

(саҳ. 30–32).

Дар зербоби дуюм – «Ҷой ва нақши институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ» (саҳ. 32–52) муаллиф масъалаи ҷойгоҳи институти доғи судиро дар низоми институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ намуда, робитаи онро бо институтҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо ва озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳлил менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки масъалаҳои вобаста ба доғи судиро ба танзим медароранд, дар маҷмӯъ дорои ҳамаи аломатҳои моддии институти мустақили ҳуқуқӣ мебошанд. Ин меъёрҳо на танҳо оқибатҳои ҳуқуқии маҳкумиятро муайян месозанд, балки тартиби ба вуҷуд омадан, давомнокӣ, тағйирёбӣ ва қатъ гардидани доғи судиро низ ба таври низомнок танзим менамоянд, ки ин ҳолат аз мавҷудияти сохтори мукаммали институтсионалии институти мазкур шаҳодат медиҳад (саҳ. 34).

**Боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони «Оқибатҳои институти доғи судӣ» (саҳ. 53–105), ки аз ду зербоб иборат мебошад, ба таҳлили ҳамаҷонибаи оқибатҳои ҳуқуқии доғи судӣ ва таъсири онҳо ба вазъи ҳуқуқии шахси маҳкумшуда бахшида шудааст.

Дар зербоби якум – «Оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии институти доғи судӣ» (саҳ. 53–84) муаллиф масъалаҳои марбут ба таъсири доғи судӣ ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣро таҳлил намуда, аҳаммияти онро дар муайян намудани ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо ва татбиқи институтҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо асоснок менамояд. Муаллиф нишон медиҳад, ки мавҷудияти доғи судӣ метавонад ба вазнин гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи чораҳои сахттари ҳуқуқӣ нисбати шахси ҷиноятсодирнамуда мусоидат намояд.

Дар натиҷаи таҳлили оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ муаллиф як қатор таклифу пешниҳодҳоро ҷиҳати такмил додани меъёрҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, муаллиф зарурати дақиқсозии муқаррароти марбут

ба ҳисоб гирифтани доғи судӣ ҳангоми муайян намудани ретсидиви ҷиноят, таъини ҷазо, инчунин татбиқи институтҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро асоснок менамояд. Ҳамзамон, пешниҳод мегардад, ки баъзе меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти марбут ба моддаи 84 КҶ ҶТ, бо мақсади дақиқтар муайян намудани оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии доғи судӣ ва бартараф намудани номуайяниҳои мавҷуда дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ такмил дода шаванд (саҳ.82-83).

Дар зербоби дуюм – «Оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ» (саҳ. 84–105) муаллиф ба таҳлили маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ки нисбати шахсони дорои доғи судӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ татбиқ мегарданд, диққати махсус медиҳад. Дар ин қисмат нишон дода мешавад, ки оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ дар қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, маъмурӣ, интихоботӣ ва хизмати давлатӣ инъикос ёфта, метавонанд бо маҳдуд гардидани баъзе ҳуқуқҳо ва имкониятҳои иҷтимоии шахс алоқаманд бошанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар замони ҳозира ҳаҷми маҳдудиятҳои умумиҳуқуқии вобаста ба доғи судӣ нисбатан васеъ буда, ба таҳлил ва баррасии муфассали илмӣ эҳтиёҷ доранд (саҳ. 85). Дар ин замина маҳдудиятҳое, ки дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар гардидаанд, мавриди таҳлили мушаххас қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, маҳдудиятҳо дар ҳуқуқҳои интихоботии шахсони маҳкумшуда, инчунин маҳдудиятҳои вобаста ба доштани доғи судӣ ҳангоми ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба баъзе намудҳои фаъолият ба таври муфассал таҳлил гардидаанд (саҳ. 89).

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони «Проблемаҳои барҳам хӯрдан ва бардоштани доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ» (саҳ. 104–149) ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба тартиб, асосҳо ва мушкилоти қатъ гардидани доғи судӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби якум – «Проблемаҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ» (саҳ.

104–129) муаллиф масъалаҳои марбут ба муҳлат ва тартиби барҳам хӯрдани доғи судиро тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, камбудиҳо ва номуайяниҳои мавҷуда дар танзими ҳуқуқии ин масъалаҳоро муайян менамояд. Дар ин замина масъалаҳои ҳисоб намудани муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ, инчунин таъсири намуд ва муҳлати ҷазо ба давомнокии доғи судӣ баррасӣ карда мешаванд.

Муаллиф, ҳолатҳои барҳам хӯрдани доғи судӣ пас аз адои пурраи ҷазо ва гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонун, муайян намудани оғози ҳисоб намудани муҳлати барҳам хӯрдани он, инчунин хусусиятҳои татбиқи ин институт нисбат ба шахсоне, ки бинобар ҳолатҳои муайян аз адои ҷазо озод шудаанд ё нисбат ба онҳо иҷрои ҷазо мавқуф гузошта шудааст, таҳлил намудааст. Дар ин замина мушкилоти мавҷуда дар татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва номуайяниҳои вобаста ба ҳисоб намудани муҳлати барҳам хӯрдани доғи судиро таҳлил намуда, зарурати дақиқсозии баъзе муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок мегардад (саҳ.128).

Дар зербоби дуюм – «Проблемаҳои бардоштани доғи судӣ» (саҳ. 129–149) муаллиф масъалаҳои марбут ба тартиби бардоштани доғи судиро ҳамчун яке аз шаклҳои пеш аз муҳлат қатъ гардидани он таҳлил менамояд. Дар ин қисмат шартҳо ва асосҳои бардоштани доғи судӣ, нақши суд дар ҳалли чунин масъалаҳо, инчунин мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Бардоштани доғи судӣ ҳамчун шакли пеш аз муҳлат қатъ гардидани таъсири ҳуқуқии маҳкумият баромад намуда, бо арзёбии мусбати рафтори минбаъдаи шахси маҳкумшуда алоқаманд мебошад (саҳ.130).

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муосир муносибати шарафмандона ба меҳнат наметавонад ҳамчун меъёри асосии ислоҳшавии маҳкумшуда баррасӣ гардад, зеро набудани ҷойи кор

аксаран ба омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳангоми арзёбии ислоҳшавии шахс ба ҷои такяи мутлақ ба нишондиҳандаҳои меҳнатӣ талаботи «нишон додани рафтори бенуқсон» истифода шавад, ки он имкон медиҳад рафтори минбаъдаи маҳкумшуда бо назардошти маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла риояи қонун, иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандӣ ва тарзи зиндагии иҷтимоӣ, ба таври ҳамаҷониба ва одилона арзёбӣ гардад (саҳ.136).

Ҳамин тариқ, дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба қатъ гардидани доғи судиро ҳамаҷониба таҳлил намуда, дар асоси таҳқиқоти анҷомдода як қатор пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд (саҳ.147-148).

Хулосаи диссертатсия аз 10 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 4 банди дорои хусусияти амалӣ, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона шудаанд, иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқ муаллиф дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии институти доғи судӣ як қатор пешниҳодҳои илмӣ ҷиҳати такмили меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ин пешниҳодҳо ба дақиқсозии моҳияти ҳуқуқии доғи судӣ, такмили тартиби барҳам хӯрдан ва бардоштани он ва бартараф намудани номуайяниҳо дар амалияи судӣ равона шудаанд. Хулосаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои такмили сиёсати ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шахсони маҳкумшуда истифода шаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти муҳими илмӣ буда, ба такмили фаҳмиши назариявии институти доғи судӣ ва рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии онҳо дар имконияти истифодаи пешниҳодҳои

муаллиф дар фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Аз нигоҳи иқтисодӣ татбиқи онҳо метавонад ба коҳиши ҷинояткории такрорӣ ва самараноктар истифода бурдани захираҳои давлатӣ дар соҳаи адолати ҷиноятӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқ дар таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва мусоидат ба мутобиқшавии иҷтимоии шахсони маҳкумшуда ифода меёбад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф дар 6 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои асосии таҳқиқро фаро мегиранд.

Шумора ва сатҳи маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия натиҷаи фаъолияти мустақилонаи илмии муаллиф буда, бо сохтори мантиқӣ ва пайдарпай фарқ мекунад. Ҷойгиршавии бобу зербобҳо, робитаи байни масъалаҳои баррасишуда ва мутобиқати хулосаҳо ба вазифаҳои таҳқиқ аз ягонагии илмии кори анҷомдода шаҳодат медиҳанд.

Навгонии натиҷаҳои бадастомада ва асоснокии муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, на танҳо дар мазмуни диссертатсия инъикос ёфтаанд, балки дар мақолаҳои илмӣ ва иштирок дар ҳамоишҳои илмию амалӣ низ тасдиқи худро пайдо намудаанд.

Истифодаи усулҳои мувофиқи таҳқиқ, таҳлили муфассали манбаъҳои назариявӣ ва қонунгузорӣ, инчунин услуби дақиқи баёни илмӣ нишон медиҳанд, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда натиҷаи кори мустақилона ва эҷодии муаллиф мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон номбар намуд:

1. Ба андешаи мо, дар таърифи пешниҳоднамудаи муаллиф мафҳуми доғи судӣ пурра табиати ҳуқуқии онро ошкор намекунад. Ҳарчанд муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ бар он назар аст, ки доғи судӣ ба ҳамаи аломатҳои чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷавобгӯ мебошад (саҳ. 45). Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқ масъалаи аломатҳо ва хусусиятҳои чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ ба таври мустақил ва муфассал мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Вобаста ба ин, таҳлили амиқтари табиати ҳуқуқии доғи судӣ метавонист асоснокии назариявии хулосаи пешниҳодшударо боз ҳам мустаҳкам намояд.

2. Бо вуҷуди таҳлили муфассали масъалаҳои марбут ба оқибатҳои умумиҳуқуқии доғи судӣ, дар диссертатсия баъзе паҳлуҳои муҳими ин масъала ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла, масъалаи аҳаммияти умумиҳуқуқии доғи судии барҳамхӯрда дар кори илмӣ ба таври муфассал таҳлил нашудааст. Муаллиф асосан ба баррасии маҳдудиятҳои ҳуқуқие, ки нисбат ба шахсони дорои доғи судии амалкунанда татбиқ мегарданд, диққати асосӣ додааст, дар ҳоле ки

масъалаи таъсири ҳуқуқӣ ва иҷтимоии доғи судии барҳамхӯрда ба вазъи ҳуқуқии шахс, инчунин ба муносибатҳои ҳуқуқии минбаъдаи ӯ дар ҷомеа камтар баррасӣ шудааст. Дар шароити муосир, ки сиёсати ҷиноятии давлат ба принсипҳои инсондӯстӣ, мутаносибӣ ва мусоидат ба одаткунонии иҷтимоии шахсони маҳкумшуда равона гардидааст, таҳқиқи паҳлуҳои умумиҳуқуқии доғи судии барҳамхӯрда аҳаммияти махсус касб менамояд, аз ҷумла, масъалаҳои марбут ба таъсири доғи судии барҳамхӯрда ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, фаъолияти меҳнатӣ, ишғоли мансабҳои давлатӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ.

Ба андешаи мо, баррасии амиқтар ва ҳамаҷонибаи ин масъала метавонист арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқро боз ҳам баландтар намояд.

3. Дар баъзе қисматҳои рисола масъалаҳои баррасишаванда бо истинод ба адабиёти назариявӣ ва мавқеи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок карда шудаанд. Бо вуҷуди ин, истифодаи васеътари маводи амалияи судӣ, қарорҳои судҳои умумӣ ва маълумоти омории фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонист ҷанбаҳои амалии таҳқиқро боз ҳам пурратар инъикос намояд. Ҷалби чунин мавод имконият медод, ки натиҷаҳои таҳқиқ бо далелҳои таҷрибавӣ бештар мустаҳкам гардида, самаранокии пешниҳодҳои муаллиф дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ равшантар нишон дода шавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мақурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Юсуфзода Фаридун Асадулло дар мавзуи: «Проблемаҳои институти доғи судӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D030300–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида,

ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

**Суроғаи муқарриз:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2, М-20, хонаи 4, ҳуҷраи 24. Телефон: (+992) 919643535
E-mail: femida-80@list.ru

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

«01» апрели 2026 с.